## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи: «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исмонализода С.И. дар мавзуи: «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ», ки барои дарёфти дараҷи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар марҳалаи муосири таҳаввули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажӯҳиши консептуалии институтҳои ҳуқуқи маданӣ, бахусус механизми таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар заминаи Кодекси мадании Ҷумҳури Тоҷикистон, арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Институти мазкур ҳамчун унсури калидии танзими муносибатҳои молумулкӣ дар доктринаи ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллӣ эътироф гардида, таҳкими минбаъдаи он барои устувории муомилоти ҳуқуқӣ-маданӣ зарур мебошад. Тавсеаи муносибатҳои шартномавӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ тақозо менамояд, ки меъёрҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадориҳо бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва эҳтиёҷоти дохилӣ мавриди такмил ва бознигарӣ қарор гиранд.

Дар низоми муосири ҳуқуқи маданӣ, пажӯҳиши амиқи механизмҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо на танҳо як зарурати назариявӣ, балки омили калидии рушди қонунгузории миллӣ маҳсуб мешавад. Муайян кардани ҷойгоҳи ин падида дар байни дигар ниҳодҳои ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки заминаҳои ҳуқуқии муомилоти молумулкӣ таҳким ёфта, барои таҳаввули минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи маданӣ уфуқҳои нав боз гарданд.

Дар сатҳи стратегӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ба масъалаи номукаммалии низоми уҳдадориҳои барзиёндиҳӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ин санади барномавӣ мухолифатҳои мавҷударо дар соҳаи ҷавобгарии субъектони ҳокимияти оммавӣ ҳамчун мушкилоти мубрам арзёбӣ мекунад. Аз ин руй,

таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ин институт тавассути ворид намудани тағйироту иловаҳои асоснок ба бобҳои дахлдори Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) ва ҳамоҳангсозии онҳо бо санадҳои махсуси қонунгузорӣ, як амри зарурӣ барои таҳкими волоияти қонун ба шумор меравад.

Пайгирии муқаррароти ҳуҷҷати мазкури стратегӣ, ки дурнамои таҳаввули низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро мушаххас менамояд, тақозо мекунад, ки асосҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадориҳо мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гиранд. Ин иқдом ба ташаккули доктринаи мукаммали ҳуқуқи маданӣ ва бартараф намудани норасоиҳои меъёрии мавҷуда дар қонунгузории маданӣ мусоидати фаъол хоҳад кард.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур бо он муайян мегардад, ки мавзуи мавриди назар дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори аввал ба таври маҷмаавӣ ва бонизом мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дар доираи рисолаи мазкур ҷанбаҳои ҳуқуқии институти таъмини иҷрои уҳдадориҳоро таҳлил намуда, маҷмуи масъалаҳои консептуалиеро пешниҳод кардааст, ки барои илми муосири ҳуқуқшиносӣ навгонӣ маҳсуб меёбанд. Аз ҷумла, чунин ҷанбаҳои масъала баррасӣ гардида, аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ қарор дода шудааст:

- таҳқиқи мафҳум ва хусусиятҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ошкор карда шуд;
- таносуби тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ муайян карда шуд;
- таҳлили илмӣ-назариявии намудҳои алоҳидаи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ амалӣ гардид;
- муайян кардани мафҳум ва табиати ҳуқуқии ноустуворона, намуд ва табиати ҳуқуқии он ба анҷом расонида шуд;
- таҳлили вазъи ҳуқуқии гарав ҳамчун намуди алоҳидаи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба роҳ монда шуд;
- вазъи ҳуқуқии байъона ҳамчун намуди алоҳидаи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд;
- ҳолати ҳуқуқии замонат ба ҳайси навъи ҷудогонаи усулҳои кафолатдиҳии иҷрои уҳдадориҳо мавзуи омӯзиши амиқ қарор дода шуд;
- нигаҳдории амволи қарздор аз дидгоҳи илмӣ-назариявӣ ва ҳуқуқи маданӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқи муфассал гузошта шуд;
- кафолати бонкӣ ҳамчун навъи мустақили усулҳои кафолатдиҳии иҷрои уҳдадориҳо.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод карда шудаанд, ки

ҷавҳари навгонии пажӯҳиш ва хулосаҳои асосии муаллифро дар робита ба такмили институти таъмини иҷрои уҳдадориҳо ифода мекунанд:

1. Муайян гардидааст, ки механизми таъмини иҷрои уҳдадориҳо дорои унсурҳои ҳавасмандгардонии манфӣ мебошад, ки барои қарздор бори изофии молиявӣ ва ҳуқуқиро ба миён меорад. Мисоли равшани ин муқаррароти моддаи 417 КМ ҶТ мебошад, ки ба кредитор имкон медиҳад дар сурати иҷро нашудани уҳдадорӣ, талаботи худро аз арзиши амволи таҳти тасарруфаш қарордошта қонеъ намояд. Чунин муносибати қонунгузор собит месозад, ки таъмини иҷрои уҳдадорӣ ҳамчун фишанги муассири таъминкунандаи масъулияти қарздор дар доираи мӯҳлатҳои муайяншуда хизмат мекунад.

Воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳоро вобаста ба меъёрҳои асосӣ меттавон ба гуруҳҳои зерин тақсим намуд:

- воситаҳои умумӣ, ки дар қонун махсусан бо номи воситаҳо таъмини иҷрои уҳдадориҳо муқаррар гардидаанд. Ба онҳо дохил мешаванд: ноустуворона, гарав, нигаҳдорӣ, замонат, кафолати бонкӣ, байъона. Махсусияти чунин воситаҳои иҷрои уҳдадориҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бояд дар шакли хаттӣ барасмият даровarda шуда бошанд, аммо гарав ва ноустуворона метавонанд дар қонун бевосита пешбинӣ гардида бошанд;

- воситаҳое, ки ба номгӯи воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар муқаррароти моддаи 380 КМ ҶТ дохил нашудаанд ва махсусан дар қонун пешбинӣ гардидаанд (масалан, масъулияти изофии соҳибмулк – аз рӯи уҳдадориҳои корхона ё муассиса давлатӣ (қ. 4 м. 123 КМ ҶТ); ҳуқуқи кредитор – оид ба иҷрои шартнома, агар тарафи дигар бо назардошти эътиборнокии онро эътироф намуда, аз тасдиқи нотариалии он даст кашидааст (қ. 2 м. 179 КМ ҶТ); масъулияти изофӣ барои шарикон дар ширкати пурра ва ғайра (қ. 2 м. 71 ва қ. 1 м. 78 КМ ҶТ).

2. Муаллиф бар он назар аст, ки функсияи ҷубронсозӣ дар ниҳоди ноустуворона нисбат ба функсияи таъминкунанда бартарӣ дорад. Дар амалияи ҳуқуқӣ ноустуворона бештар ҳамчун шакли ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии граждани шинохта мешавад. Азбаски асоси пайдоиши уҳдадории пардохти он бевосита бо ҳолати нақзи муқаррароти шартномавӣ аз ҷониби қарздор вобастагӣ дорад, метавон хулоса кард, ки мақсади ниҳоии он барқарор намудани вазъияти молумулкии кредитор мебошад, ки дар натиҷаи иҷро нашудани уҳдадорӣ зарар дидааст.

3. Имконияти бо созишномаи тарафҳо ба ҷойи пардохти ноустуворонаи пулӣ пешбинӣ кардани пардохти ноустуворонаи молу мулкиро қатъиян рад кардан ба мақсад мувофиқ намебошад. Дар ин ҳолат

ба мақсад мувофиқ аст, ки қ. 1 м. 381 КМ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Ноустуворона (ҷарима, фоизҳо) маблағи пулие аст, ки бо қонун ё шартнома муайян карда шуда, қарздор ба кредитор дар ҳолати иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ муаззаф аст пардохт намояд, аз ҷумла дар сурати ба таъхир андохтани муҳлати иҷро. Бо созишномаи тарафҳо метавонад пардохти ноустуворона дар шакли асл пешбинӣ карда шавад. Кредитор бо талаби пардохти ноустувор вазифадор нест, ки сабаби зарар ба ӯ расонидаро исбот кунад». Азбаски пардохти ноустуворона барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ на танҳо дар қонунҳо, балки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ пешбинӣ шудааст. Муаллиф мувофиқи мақсад мешуморад, ки дар қ. 1 м. 381 ва м. 383 КМ ҶТ ибораи «ноустуворонаи қонунӣ» ба ибораи «ноустуворонаи меъёрӣ» иваз карда шавад.

4. Дар натиҷаи омӯзиши институти замонат дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки мафҳуми мувофиқ дар адабиёти илмӣ пешниҳод нагардидааст. Аз ин руй, мувофиқи мақсад аст, ки мафҳуми институти мазкур ба таври илман асоснок чунин пешниҳод гардад: «Замонат – ҳамчун воситаи таъмини иҷрои уҳдадорӣ, уҳдадории иловагӣ аст, ки байни кредитор ва зомин дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ҳолати вайрон гардидани уҳдадорӣ мувофиқи шартномаи асосӣ аз ҷониби қарздор таъмини иҷрои уҳдадории мазкур ба ҳолати фаъол ба зомин ҳамчун қарздори изофӣ мегузарад, охирин дар ҳаҷми муқарраркардаи шартномаи замонат пурра ё қисман масъул мегардад». Пешниҳод мешавад, ки ҳамон тавре ки дар ҳолати кафолат муқаррарот ҷой дорад, нисбат ба замонат низ подош барои зомин ба таври расмӣ дар КМ ҶТ муқаррар карда шавад. Алалхусус, муқаррароти қ. 2, м. 418 КМ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад: “Қарздор ба зомин барои додани замонат дар ҳаҷми бо созиши тарафҳо муқарраршуда подош медиҳад”. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар таҳрири нави КМ ҶТ ҷумлаи аввали қ. 1, м. 422 дар шакли зерин муқаррар карда шавад: «Ба зомини уҳдадориашро иҷронамуда ҳуқуқи кредитор оид ба уҳдадории бо замонат таъминшуда ва ҳуқуқи кредитор ҳамчун гаравгиранда дар он ҳаҷме, ки зомин талаботи кредиторро қонеъ намудааст мегузарад».

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дар рисола хулоса ва пешниҳодҳои амиқи асоснокшуда оид ба масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ мувофиқи қонунгузории маданӣ манзур гардидаанд. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо ваҷҳҳои илмии муқаррароти ибтидоии назариявӣ тасдиқ

карда мешавад. Натиҷаҳои пажӯҳиш дар заминаи таҳлили қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти консептуалии илмӣ дар соҳаи масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба даст омадаанд.

Тамоми муқаррарот ва хулосаҳои илмӣ бо истифода аз чунин методҳои илмии маърифатӣ, аз ҷумла методи диалектикӣ, методи таҳлил ва синтези бонизом, мантиқӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва формалӣ-ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд.

Муқаррароти илмии коркардшуда ва тавсияҳои амалӣ ба муқаррароти соҳаҳои дахлдори илм, аз ҷумла ҳуқуқи мадани, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ва ғайра такя мекунанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисола аз руйи сохтори худ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб (ки ҳашт параграфро дар бар мегиранд), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳрести интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Аз нигоҳи ороиш, кор ба талаботи муқарраршуда нисбат ба таҳияи рисолаҳои диссертатсионӣ мутобиқат мекунад. Диссертатсия бо забони аз ҷиҳати ҳуқуқӣ саҳеҳ таълиф ёфта, бо мантиқии баён фарқ мекунад.

**Муқаддимаи** диссертатсия аз асосноккунии мубрамияти мавзуъ ва баррасии таҳқиқоти қаблии марбут ба соҳа оғоз мегардад. Сипас, алоқамандии кор бо барномаҳои ҷории илмӣ муайян карда мешавад. Дар ин қисмат ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот таҳия гашта, объект, предмет, марҳалаҳо, инчунин ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва чаҳорчӯбаи замониву муҳлати он мушаххас карда мешаванд.

**Боби якуми диссертатсия** таҳти унвони «Муқарароти умумӣ оид ба таъмини иҷрои уҳдадорӣ» доираи чунин масъалаҳо: мафҳум ва хусусиятҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ; таносуби тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ, дар бар гирифта шудаанд.

Дар зербоби якуми бобм якуми диссертатсия муаллиф андешаҳои худро чунин иброз менамояд, ки дар ҳуқуқи маданӣ уҳдадорӣ яке аз муҳимтарин категорияҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки муносибатҳои иқтисодӣ ва молу мулкиро танзим менамояд. Уҳдадорӣ ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ муайян карда мешавад, ки дар он як тараф – қарздор уҳдадор аст ба манфиати тарафи дигар – кредитор амали муайянеро анҷом диҳад ё аз анҷом додани амалҳои муайян худдорӣ намояд. Ин амалҳо метавонанд хеле гуногун бошанд: интиқоли молу мулк (ҳам манқул ва ҳам ғайриманқул), иҷрои корҳои муайян, расонидани

хизматрасониҳо, пардохти маблағҳои пулӣ, худдорӣ аз рақобат ё аз фош кардани сирри тиҷоратӣ ва ғайра.

Муаллиф хулоса менамояд, ки таъмини иҷрои уҳдадориҳо яке аз муҳимтарин институтҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад. Он на танҳо ҳимояи манфиатҳои кредиторро таъмин мекунад, балки устувории тамоми муомилоти маданӣ, эътимод байни иштирокчиёни муносибатҳо ва рушди муносибатҳои иқтисодиро дастгирӣ менамояд. Ин институт ҳамчун омили муҳимми таъмини бехатарии муомилот ва ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ дар ҷомеаи муосир аҳаммияти хосса дорад.

Дар зербоби дуюми боби якум муалиф ибрози ақида менамояд, ки дар ҳуқуқи маданӣ вуҷуди муносибати уҳдадорӣ байни тарафҳо худ ба худ кафолати иҷрои онро таъмин намекунад. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои субъектони муносибатҳои маданӣ тарзҳои махсуси таъмини иҷрои уҳдадориҳоро муқаррар кардааст, ки ҳангоми зарурат метавонанд асоси маҷбуран иҷро кардани уҳдадорӣ гарданд. Ин тарзҳо асосан ба ҳавасмандгардонии қарздор барои иҷрои дақиқ ва саривақтии уҳдадории худ нигаронида шудаанд ва дар ҳолати ичро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ба манфиати кредитор амалӣ мегарданд.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо қисми хусусӣ ва муҳимми системаи ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ дар соҳаи уҳдадориҳо мебошанд. Онҳо бо хусусияти пешгирикунанда ва ҳавасмандкунандаи худ аз воситаҳои умумии ҳифз фарқ доранд, вале ҳамзамон бо онҳо зич алоқамананд. Ҳар ду институт барои устувории муносибатҳои маданӣ, ҳифзи манфиатҳои қонунии субъектон ва таъмини адолат дар муомилоти маданӣ хизмат мекунанд. Ин таносуб имкон медиҳад, ки ҳуқуқи маданӣ ҳам ҳавасмандгардонии иҷро ва ҳам ҳимояи воқеии ҳуқуқҳои поймолшударо таъмин намояд.

**Боби дуюми диссертатсия** бо номи «Таснифи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ» чунин масъалаҳои соҳаи мазкурро дар бар гирифтааст: ноустуворона, намуд ва табиати ҳуқуқии он; гарав; байъона.

Дар зербоби якуми боби дуюм муаллиф қайд менамояд, ки ноустуворона яке аз муҳимтарин ва тарзҳои васеъ истифодашандаи таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар ҳуқуқи маданӣ мебошад. Он маблағи пулиест, ки бо қонун ё шартнома муқаррар шудааст ва қарздор уҳдадор аст дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ (аз ҷумла таъхир дар иҷро) онро ба кредитор супорад. Хусусияти асосии ноустуворона дар он аст, ки барои талаби пардохти он кредитор вазифадор нест вуҷуди зарарро исбот кунад ва ин онро аз ҷавобгарии умумӣ барои зарар фарқ мекунад. Ноустуворона аз руйи самти

функсионалӣ ҳам ҳавасмандкунанда (пеш аз вайронкунӣ), ҳам пешгирикунанда, ҳам ҷубронкунанда (зарарро қисман ҷуброн мекунад) ва ҳам муҷозотӣ аст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм муаллиф оид ба гарав, чунин ишора менамояд, ки он хусусияти аксессорӣ (ҷонибӣ) дорад, яъне аз уҳдадории асосӣ вобаста аст. Ҳангоми қатъ ё беэътибор шудани уҳдадории асосӣ муносибати гарав низ қатъ мегардад, агар қонун тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад. Ин хусусият гаравро аз уҳдадориҳои мустақил фарқ мекунад ва онро ба уҳдадории асосӣ пайваст месозад. Ҳамзамон, гарав унсурҳои ҳуқуқи ашёӣ дорад, зеро ба амволи мушаххас вобаста буда, ҳуқуқи афзалиятноки кредиторро нисбат ба он таъмин менамояд.

Гаравдеҳ метавонад ҳам худи қарздор ва ҳам шахси сеюм бошад, ки дар уҳдадории асосӣ иштирок намекунад. Ин имконият ба тарафҳо озодии васеъ медиҳад, ки барои таъмини уҳдадориҳо аз амволи шахсони дигар истифода баранд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм муаллиф ишора менамояд, ки байъона фақат барои таъмини уҳдадориҳои пулӣ ва шартномавӣ истифода мешавад. Он барои уҳдадориҳои ғайришартномавӣ (масалан, ҷуброни зарар ба саломатӣ ё амвол) татбиқ намешавад, зеро дар чунин ҳолатҳо далели бастани шартнома вуҷуд надорад. Байъона ҳам дар муносибатҳои байни шахсони воқеӣ ва ҳам дар муносибатҳои тиҷоратӣ бо иштирокии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ истифода мешавад. Он махсусан дар шартномаҳои хариду фурӯш, иҷора ва хизматрасонӣ паҳн аст.

Аз руйи хулосаи муаллиф, байъона яке аз самараноктарин роҳҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо мебошад. Ҳамчун далели бастани шартнома, қисми пардохтҳои оянда ва кафолати иҷрои уҳдадорӣ хизмат карда, тарафҳоро ба иҷрои масъулиятноки уҳдадориҳо ҳавасманд месозад. Хусусияти дуҷонибаи он (ҳам пешгирикунанда ва ҳам ҷубронкунанда) байъонаро дар муомилоти маданӣ муҳим ва васеъ истифодашаванда мегардонад.

**Боби сеюми диссертатсия** бо ном «Хусусиятҳои замонат, нигоҳдошт ва кафолати бонкӣ дар низоми намудҳои тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ» чунин параграфҳо баррасӣ гардидаанд: замонат; нигоҳ доштани молу мулки қарздор; кафолати бонкӣ.

Аз руйи зербоби якуми боби сеюм муаллиф ба андешае меояд, ки замонат яке аз роҳҳои анъанавӣ ва васеъ истифодашавандаи таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки махсусан дар муносибатҳои бонкӣ ва қарзӣ ҳамчун кафолати қарз паҳн гардидааст.

Ҷавҳари замонат дар пайдоиши қарздори иловагӣ (зомин) дар назди кредитор зоҳир мегардад. Зомин масъулияти субсидиарӣ ё муштарак дорад, ки қонунгузорӣ онро бо назардошти шартҳои созишнома муайян мекунад. Дар аксари ҳолатҳо масъулияти зомин субсидиарӣ аст, яъне кредитор аввал аз қарздор талаб мекунад ва танҳо пас аз ғайриимкон будани иҷро аз қарздор метавонад ба зомин муроҷиат намояд. Аммо созишнома метавонад масъулияти муштаракро низ пешбинӣ кунад, ки дар ин ҳолат кредитор ҳуқуқ дорад фавран аз зомин талаб кунад.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия муаллиф ишора менамояд, ки нигоҳ доштани молу мулки қарздор яке аз роҳҳои муҳим ва самараноки таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки ба кредитор имконият медиҳад амволи қарздорро то иҷрои уҳдадории ӯ нигоҳ дорад. Ин усул дар ҳолатҳое татбиқ мешавад, ки кредитор ашёеро дар ихтиёраш дорад ва вазифадор аст онро ба қарздор ё шахси аз ҷониби қарздор нишондодашуда супорад, вале қарздор дар мӯҳлати муайян уҳдадории пардохти арзиши ин ашё, ҷуброни хароҷоти марбут ба он ё зарари дигарро иҷро намекунад. Дар чунин ҳолат кредитор ҳуқуқ дорад ашёро то анҷоми уҳдадории дахлдор нигоҳ дорад.

Аз руйи зербоби сеюми боби сеюм, муаллиф қайд менамояд, ки кафолати бонкӣ яке аз институтҳои навтарин ва хоси қонунгузории маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар шакли ҳозираи худ комилан аз дигар роҳҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо фарқ мекунад. Ин институт аз кафолати анъанавӣ (замонат) бо як қатор аломатҳои муҳим ҷудо мешавад ва ҷойгоҳи махсус дар системаи усулҳои таъмин ишғол менамояд.

Кафолати бонкӣ институти муосир ва самараноки таъмини иҷрои уҳдадориҳо мебошад, ки мустақилият, расмият ва маҳдудияти субъективии он онро аз дигар усулҳо фарқ мекунад. Ин институт ба рушди муносибатҳои қарзӣ ва тиҷоратӣ мусоидат карда, манфиатҳои кредиторонро бо роҳи боэътимод ҳифз менамояд ва дар муомилоти байналмилалӣ аҳаммияти хосса дорад.

**Хулоса.** Муаллиф дар қисмати хулосаи рисола муваффақ шудааст, ки натиҷаҳои бадастомадаро бо мантиқи қавӣ ва пайдарпай ҷамъбаст намояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии масъалаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ мувофиқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Муқаррароти назариявии коркардшуда ва хулосаҳои бадастомада метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои илмӣ ва амалии муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ, ки дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи маданӣ, оид ба иҷрои уҳдадориҳо дар шароит рушди муносибатҳои молу мулкӣ, ғайри молумулкӣ ба миён меоянд, истифода шаванд.

Хулосаҳои назариявии дар диссертатсия инъикосшуда ҳамчун замина барои таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили меъёрҳои қонунгузории маданӣ дар бораи таъмини иҷрои уҳдадориҳо метавонанд хизмат намоянд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Илова бар ин, маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ ва адабиёти таълимӣ, методӣ оид ба соҳаи ҳуқуқи маданӣ муфид бошанд, ҳамчунин дар раванди таъдриси курсҳои махсус аз фанҳои соҳаҳои ҳуқуқи маданӣ истифода гардад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулосаҳо ва муқаррароти назариявӣ, инчунин тавсияҳои илмиву амалии муаллифи диссертатсия дар 17 мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ин шумор, 6 мақола дар маҷаллаҳои такризшаванда ва нашрияҳои пешбарандае ба чоп расидаанд, ки дар феҳристи нашрияҳои илмии тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шомил мебошанд. Шумора ва сатҳи маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» аз руйи мазмун, сохтор ва сатҳи иҷроиш ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат менамояд. Таҳқиқот ҳамчун кори илмии мустақилона анҷом дода шуда, дорои сохтори муназзам, пайдарпайи мантиқӣ ва мутобиқати дохилии қисмҳои таркибӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда дорои унсурҳои навгонии назаррас буда, бо таҳлили амиқи манбаъҳои меъёрӣ ва илмӣ асоснок гардидаанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии муаллиф бо фаъолияти нашриявӣ, иштироки у дар ҳамоишҳои илмӣ-

назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, инчунин муҳокимаи натиҷаҳо дар муҳити илмӣ тасдиқ меёбанд.

Методологияи интихобгардида, сатҳи баланди коркарди манбаъҳо, таҳлили системавӣ ва муқоисавии масъалаҳо, инчунин услуби илмии баён шаҳодат медиҳанд, ки хулосаҳои бадастомада натиҷаи фаъолияти мустақилона, эҷодкорона ва илмии муаллиф мебошанд ва арзиши назариявию амалии воқеӣ доранд.

**Автореферат**, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Рисолаи мазкур ҳамчун як кори мукаммали илмӣ арзёбӣ гардида, дорои пайдарпайии мантиқӣ ва заминаҳои устувори назариявӣ мебошад. Аммо, ҷиҳати дақиқ намудани моҳияти баъзе нуктаҳои ба ҳимоя пешкашшуда, қисматҳои диссертатсия изҳори мулоҳизаҳо, зарурати пешниҳоди асоснок ва амиқтари муаллифро тақозо менамоянд.

1. Диссертатсия ба масъалаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ бахшида шудааст. Аммо дар номи боб ва зербобҳо масъалагузории илмӣ дида намешавад. Мебоист, ки унвонҷуй ҳангоми номгузории қисматҳои кор ба ин масъала аҳамият медод.

2. Дар саҳифаи 27 диссертатсия нисбати Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (институти таъмини даъво) маълумот оварда шудааст, лекин ба кадом меъёри (моддаи) КММ ҶТ муаллиф муроҷиат намудааст ва таҳлил кардааст, нишон дода нашудааст.

3. Дар қисмати «2.3. Байъона», дар саҳифаҳои 95 - 107 таҳлили илмӣ, фикру андешаҳо, ақидаҳои олимони хориҷӣ, рус инъикос гардидаанд, лекин корҳои илмии олимони ватанӣ истифода нагардидааст. Таҳлили меъёрҳои Кодекси граждании ФР бештар ишора мешавад, вале андешаронии олимони тоҷик мушоҳида намегардад.

Мулоҳиза ва тавсияҳои зикршуда бештар хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аз мураккабӣ ва чандпаҳлугии мавзуи таҳқиқот сарчашма мегиранд. Дар маҷмуъ, онҳо ба баҳои мусбии диссертатсия таъсир нарасонида, арзиши илмӣ ва бартариҳои кори анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи: «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ

шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва
байналмилалии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Самадзода Б.О.**

**Суроғаи муқарриз:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи А.Фирдавсӣ, 111- 47
Тел.: +992 92 773 05 67
E-mail: bakhtiyor_77@mail.ru

«Имзои Самадзода Б.О. – ро тасдиқ менамоям».
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассиса:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, 17 микроноҳия, хонаи 1.
(83422) 2-38-11; 2-51-70
www.tsulbp.tj e-mail: tsulbp@rambler.ru

«14» 04 соли 2026